**Ормони дини беҳӣ**
Навиштае аз Мӯбад Комрон Ҷамшедӣ
(Баргардони Дилшод Азимов)

**Ормони дини беҳӣ хушбахтӣ ва растагорӣ аст, ки ҳамоно хушнудии инсон ва оромишу осоиши тану равон мебошад.**

Дини беҳӣ ба мо меомӯзад, ки танҳо роҳи расидан ба ин ормон – паймудани роҳи ростӣ аст, зеро ростӣ ва дурустӣ он ҳақиқатест, ки бар бунёди онҳо замину осмон ва ҳарчи дар онҳост офарида шуда ва офаридагори онҳо низ худованди якто ва абардонои ҳастибахш аст, ки ***Ашу Зартушт***, омӯзгори мо онро ***Аҳуро Маздо*** номидааст. Ин офариниш бар бунёни ҳанҷоре пайдоиш ёфта, ки қонунест дигаргуннашуданӣ ва ҷовидонӣ. Номи ин ҳанҷор ***«ашо» (asha)*** мебошад.

Бар пояи ин ҳанҷор, ҳар кунише дар ҳар ҷои ҷаҳон анҷом гирад – вокуниши муносиби худро хоҳад дошт ва аз ин рӯ, ҳар кори дуруст ва ҳамоҳанг бо ***ашо*** натиҷаи хубу дуруст ва воруни он – ҳар ҷунбиш ва коре нодуруст бошад, натиҷаи он низ нодуруст ва ***«бад»*** хоҳад буд.

Мо инсонҳо низ, ки ҷузъе аз ин офариниш ҳастем, агар худро бо ҳанҷори ҳастӣ (***ашо***) ҳамоҳанг карда ва андешаву гуфтору кирдорамон бар он поя бошад, хубу ***ашаван (ashavan)*** буда ва натиҷаи кирдорамон низ хубу ***ашуӣ*** аст. Ин натиҷаи хуб, хушнудӣ оварда ва ба оромиш даст меанҷомад. Оромише ки меваи он пешрафт ва расоӣ (такомул) буда ва тану равонро ба оромишу тандурустӣ расонда ва зиндагӣ осоиш меёбад.

Инсон падидае аст, иҷтимоӣ ва барои доштани як зиндагии орому осуда ниёзманд ба доштани ҷомеае орому осуда аст, то ҳамаи ягонҳои бошанда дар он тавонанд дар ин оромиш ҳанбоз (шарик) бошанд. Бинобар ин, барои ҳар зартуштӣ ин як ниёзу як хешкорӣ (масъулият) аст, то бар оромсозии ҷомеаи худ низ ёрӣ расонанд.

Ин хешкорӣ худ ҷузве аз ҳанҷори ***ашо*** аст, ки дар пайванд бо ***«инсони иҷтимоӣ»***, инсоне ки дорои нерӯи андешагирӣ буда ва метавонанд гузиниш (интихоб) кунанд, дорои маъно мегардад. Дар баробари хешкорӣ – озодии гузиниш қарор дорад, бад-ин маъно, ки инсон агарчи озод аст, ки аз миён роҳҳои гуногун баргузинад, аммо бояд огоҳ бошад, ки посухгӯи натиҷаи гузиниши худ хоҳад буд.

Барои ин ки ин гузинишҳо ба дурустӣ анҷом гирад, ба ду чиз ниёз аст:

1. ***Ваҳуман ё баҳман***, маниши нек ё хиради нек, ки нерӯи шиносоӣ ва тамиз (дуруст аз нодуруст) аст;
2. Огоҳӣ ва доноӣ.

Аз роҳи ***ваҳуман*** аст, ки инсон роҳро аз чоҳ тамиз дода ва бадро аз хуб ҷудо мекунад. Ин нерӯ аз оғоз хом ва норасо буда ва бояст бо тамриноти равонӣ/ахлоқӣ ва ҳамчунин ба ёрии таҷриба онро пухта ва омухта сохт.

Баростӣ, инсон дорои ду гуна нерӯи тамиз ё хирад мебошад, яке хиради гавҳарӣ ё зотӣ (***«осан хирад»***) ва дигаре хиради дарёфтанӣ ё омӯхтанӣ (***«гушусруд хирад»***).

Доварихое аз пеш сохта шуда ва бе бунён (пешдоварӣ) яке аз бузургтарин балоҳои башарӣ аст. Яке аз чизҳое ки дар фародигарихои (тасмимгирӣ) дуруст дар зиндагӣ ёрӣ мерасонад ва моро ба пеш мебарад огоҳӣ ва бардошти дуруст аз ҳанҷори ***ашост***.

Яке аз гузоришҳои шоистае, ки барои **ашо** шуда аст, ин аст ки:

***«Агар кори дуруст дар замони дуруст ва макони дуруст ва бо абзори дуруст ва ба дурустӣ анҷом гирад, натиҷа низ дуруст хоҳад буд.***

***Ҳар кадом аз инҳо ҳам, ки дар ҷои дурусти худ набошад, натиҷа дуруст ва расо нахоҳад буд».***

Аз ҳамин рӯст, ки ба он ***қонуни диққат ё precision law*** низ гуфта мешавад.

Муҳимтар аз ҳама ин аст, ки бидонем ҳар кори анҷомшуда дар корномаи коркардаҳои мо дар зиндагӣ навишта шуда ва ҳаноиш (осор)-и худро ба ҷой хоҳанд гузошт. Кирорҳои хубу инсондӯстона ва оромишхоҳона ба мо осудагии виҷдон ва хушнудӣ бахшида ва вожгуни он натиҷаи зиёнбори худро на танҳо рӯи худи мо, балки рӯи тамоми ҷаҳони ҳастӣ бар ҷой хоҳад гузошт. Ба гуфтаи дигар, ин ҳамон биҳишт ва ҷаҳанname аст, ки мо бо карду кори худ метавонем дар ҳар дам дарҳои онро ба рӯи худ боз ва баста кунем.

Яке аз бузургтарин дарсҳои ***ашо***, ки шояд битавон аз он бо номи ***«қонуни заррин»*** ном бурд, миёнаравӣ аст. Тундравӣ дар ҳар заминае, дар ҷое ба каҷроҳа хоҳад рафт ва моро аз роҳи рост бадар хоҳад бурд. Барои миёнаравӣ бояд бар рӯи худ ва коркарди саҳишҳо (эҳсосот)-и худ чира бошем. Ин чирагӣ бар худ ё хештандорӣ дар фарҳанги беҳдинӣ ***«хшатра» (khshatra)*** номида мешавад. Барои расидан бар ин чирагӣ бар худ ва оромиш, равишҳо ва абзорҳои кӯмакӣ низ вуҷуд доранд, монанди ниёиш ва ҳамчунин тамриноти мутамаркази андеша ва ҳамтарозии (баланс) тан.

Касе ки аз ***ваҳуман*** бархурдор буда ва ҳамоҳанг бо ***ашо*** зиндагӣ кунад, неккирдор ва созанда мебошад.

Инсонҳои озоду некхоҳ ва ***«хшатроӣ»*** дар ҳар ҷомеае метавонанд системаи хуб ва дилхоҳи худро барои пеш бурдани ҷомеа бунёд гузоранд ва раҳбарони ***ашуии*** худро баргузинанд. Ин шаҳриёрии хуб ва баргузиданиро ***«ваҳу хшатра вайрийо» (vohu khshatra vairyo)*** меноманд.

Ҳангоме ки инсон бо баҳрагирӣ аз маниши нек ва ҳамоҳангии комил бо ***ашо ё ашуӣ*** зистан ва поку покиза будан дар андешаву гуфтору кирдори худ, ба некӣ бар худ ва саркашиҳои саҳишҳои вайронгари худ монанди зиёдахоҳӣ, кинаҷӯӣ, хашм ва монанди онҳо чира шуда ва роҳи миёна ва ростро дар пеш гирифт ва ба оромишу осоиш дар тану равон даст ёфт, онгоҳ аст ки офаринандагии неку созанда дар ӯ шукуфта гашта ва ба навсозиву пешрафти ҳамешагии худу ҷаҳон ба сӯи такомул ва расоӣ хоҳад пардохт. Такомуле, ки дар фарҳанги мо ба он ***«ҳаурватоат»*** (***haurvataat***) ё ***хурдод*** гуфта мешавад, бад-ин чам (маъно) ки инсон намунаи идаи олӣ аз пешрафту расоӣ мегардад ва пас аз он дигар баргаштпазирӣ ва коҳишёбандагӣ (***«ангараҳ»***) ҷое надошта ва танҳо афзоишу пешравии ҳамешагӣ (***«спанто»***) аст ба сӯи ҷовидона шудан ё ***«ҳаурватоат амератоат» (haurvataat ameretaat)***.

Вопасгароӣ, кӯҳнапарастӣ ва хушкандешӣ дар ормони зартуштӣ носутуда ва ношояст аст. Инсон шояста аст ки пайваста дар кори навоварӣ бошад. Зиндагӣ бидуни офаринандагӣ тираву хомӯш ва марговар аст. Коштани як гул ё дарахт, то навиштани як навиштору китоб, сохтани як оҳангу эҷоди як ҳунар, зодани як фарзанду бардошти як фароварда, ҳама ва ҳама хидмату ёрӣ ба офариниш аст. Танҳо зиндагие шукӯҳманду саршор ва зинда аст, ки дар он ҳама нерӯҳои инсонӣ ба кор мефатад ва ҳунару навоварӣ ва шодиву хушбахтӣ то ҷунбу ҷӯш, кӯшишу пӯиш ҳамаҷоро фаро мегирад.

***«Парвардигоро! Бишавад монанди касоне шавем ки ҷаҳонро ба сӯи расоиву ободонӣ ба пеш мебаранд».***

Аҳнудгот, ҳоти 30, банди 9.

Ҷомеаи инсонӣ низ ки чун аз инсонҳо ба ҳам омада аст, дорои ҳамон корсозҳо ё механизмҳо буда ва ҳамон арзишҳо дар он барпост. Як ҷомеаи ***хшатроӣ***, ки тамоми ягонҳои ба ҳам овардаи он, сар то пои он, ҳамоҳанг бо ҳанҷори **ашоӣ** кор мекунанд, ба оромишу шодӣ даст ёфта ва дар он оромиш ба сӯи беҳбудиву беҳзистӣ ба пеш мераванд.

Ин ҷомеаҳо, ки рӯиҳами онҳо ҷомеаи ҷаҳонӣ аст, бар пояи хонавода, барзан (деҳа), шаҳр, кишвар ва ҷаҳон устувор аст. Барои доштани як ҷомеаи солим ҷаҳоне бояд нахустин пояҳои иҷтимоӣ ё хонаводаро солим бунёд гузошт ва сипас кӯи барзану шаҳру кишварро сохт, то ба ҷаҳон расид.

***Амеретоат*** ё ***амурдод***, ки сӯи пешрафт мебошад, он чигунагие (вазъияте) аст, ки ҳамроҳ аст бо огоҳӣ ва оромишу шодии комил ва ҳамҷавор бо абародонои ҳастибахш ***«Аҳуро Маздо»***. Инсони неку пок ва ***ашуӣ***, инсонест комиилтар (дар санҷае инсонӣ). Ин гуна инсонҳо бегумон ҳам бар рӯи хонаводаву хешони худ ва ҳам бар рӯи ҷомеае, ки дар он зиндагӣ мекунанд ҳаноише (асар) созандаву ободкунанда барҷой мегузоранд. Фарзандоне ки дар ингуна хонаводаҳо парвариш меёбанд, номи неки падару модарони худро ҳамвора зинда нигоҳ хоҳанд дошт ва ҷомеа низ ҳаноиш ёфта аз гуфтору кирдори онон гомҳои бештаре ба сӯи пешрафт бархоҳад дошт ва номи неки ононро дар торихи худ зиндаву ҷовидон нигоҳ хоҳад дошт.

Ин, намуди инҷаҳони ҷовидонагӣ ва номироӣ мебошад.

Ҷовидонии равон, намуди минӯии ***амеретоат*** буда, ки ҳастии ҷовидон аст дар беҳтарин чигунагии менӯӣ, ё ***«аша ваҳишта»***, сарои андешаи нек ва ***«гарави дамон»*** сарои суруд ва ҷойгоҳи волои ***Аҳуро Маздо***.

***«Порсоёне ки дар баробари ҳанҷори ҳастӣ ва ростиву покӣ зиндагӣ мекунанд, дар маконе ки дар партави хуршеди Ту дурахшону манзилгаҳи доноён аст, басар хоҳанд бурд».***

Спантмад гот, ҳоти 50, банди 2.